“Тасдиқ шудааст”
Бо Қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи пасандозҳои
шахсони воқеӣ
№ _5_
аз «_24_» _феврали_ с.2017

# Стратегияи рушди Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ барои солҳои 2017 - 2022

**соли 2017**

**МУНДАРИҶА**

Муқаддима

1. Шарҳи фаъолияти Хазина
2. Вазифаҳои асосии Хазина
3. Дастовардҳои асосии Хазина дар давраи солҳои 2011 - 2016
4. Принсипҳои асосии стратегияи Хазина
5. Вазъият дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба фаъолияти Хазина таъсиркунанда
6. Самтҳои асосии рушди Хазина дар солҳои 2017 -2022
7. Татбиқи Стратегияи рушди Хазина дар солҳои 2017 - 2022

Хулоса

# ИХТИСОРҲО

| | |
|---|---|
| Хазина | Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ |
| Ташкилоти қарзии узви Хазина | Ташкилотҳои қарзии – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ |
| Қонун | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" |
| Шӯрои нозирон | Шӯрои нозирони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Вазорати молияи ҶТ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АБСП (IADI) | Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо |
| КМА, Кумитаи АБСП (IADI) | Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо |

*Стратегияи рушди Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ барои солҳои 2017-2022 бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва вазифаҳо барои рушди минбаъдаи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.*

## МУҚАДДИМА

Дар давраи бӯҳронҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон таваҷҷӯҳи ҷомеъа ба фаъолияти низоми суғуртакунии пасандозҳои шахсони воқеӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими суботи молиявӣ ба таври назаррас зиёд мегардад. Ин омил ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хос мебошад.

Таъсиси низоми миллии суғуртакунии пасандозҳои шахсони воқеӣ дар Тоҷикистон бо зарурияти таъмини суботи молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар вобаста аст. Низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ мусоидат намуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуд, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” баҳри зиёд гардидани эътимоди мардум ба низоми бонкии кишвар равона карда шудааст.

Имрӯз Хазина яке аз иштирокчиёни муҳими низоми молиявии кишвар ба ҳисоб рафта, мутобиқи вазифаҳои асосии худ сиёсати давлатиро баҳри таъмини устувории низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамояд.

Дар шароити имрӯза дар назди Хазина вазифае истодааст, ки ба таври равшан ва дақиқ самтҳои афзалиятноки стратегии худро муайян намуда, иҷрои мақсаду вазифаҳои худро таъмин намояд.

Ҷиҳати ба ҳадди аксар расонидани фаъолияти самараноки худ, Хазина Стратегияи рушдро таҳия намудааст, ки дар он ҳадафҳои асосӣ ва вазифаҳои рушди низоми суғуртакунии пасандозҳои шахсони воқеӣ дарҷ гардидааст.

Дар Стратегияи рушди Хазина барои солҳои 2017 -2022 самтҳои афзалиятноки стратегии фаъолияти Хазина барои панҷ соли оянда муайян шудааст. Стратегияи рушди Хазина дар асоси таҳлили вазъи иқтисодӣ ва хавфҳои пешбинишаванда дар низоми бонкӣ таҳия шудааст.

Стратегияи рушд асосҳои татбиқи мақсадҳои Хазинаро муайян мекунад - яъне ташкилоти самараноки суғуртакунии пасандозҳои шахсони воқеӣ буда, вазифаҳои вогузоршударо бо дарназардошти дастовардҳои беҳтарини таҷрибаи ҷаҳонӣ амалӣ менамояд.

## 1. ШАРҲИ ФАЪОЛИЯТИ ХАЗИНА

Низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки соли 2004 таъсис дода шуд, аҳамияти иқтисодии худро барои нигоҳ доштани устувории суботи молиявӣ ва боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ тасдиқ намуд. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти низоми суғуртакунии пасандозҳои шахсони воқеӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» №758, аз 2 августи соли 2011 муқаррар карда мешавад.

Хазина шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, дорои тавозуни мустақил ва муҳри мудаввар бо сабти номи худ ва акси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мақоми олии идоракунии Хазина Шӯрои нозирони Хазина мебошад. Шӯрои нозирон барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул буда, аз ҳайати зерин иборат аст:

- Раиси Бонки миллии Тоҷикистон - Раиси Шӯрои нозирон;
- Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон;
- Раиси Хазина.

## 2. МАҚСАДИ ХАЗИНА

Мақсади Хазина ин ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Принсипҳое, ки Хазина дар фаъолияти худ асос мекунад - ин самти иҷтимоӣ, шаффофият ва масъулияти молиявӣ доштан аст.

Ҳадаф ва вазифаҳои асосие, ки Стратегияи рушди Хазинаро муайян мекунад, бо мақсад ва принсипҳои асосии он муқаррар карда мешавад.

## 3. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ХАЗИНА

Хазина мутобиқи Қонун ва ваколатҳои худ, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- ҷубронпулии суғуртаро саривақт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад;
- феҳристдори ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеии аъзои Хазина мебошад;
- пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ мекунад;
- ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии пардохтпулиҳоеро, ки аз ташкилотҳои қарзӣ гирифта шудаанд, инчунин мониторинги саривақтии онҳоро амалӣ менамояд;
- маълумот, ҳисобот ва иттилоотеро, ки барои фаъолияти Хазина зарур аст, аз ташкилотҳои қарзӣ мегирад;
- бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад;
- дар сурати касри Хазина барои гирифтани қарз ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамояд;
- аз Бонки миллии Тоҷикистон андешидани чораҳоиислоҳнамоӣ ва таъсиррасониро нисбат ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми риоя накардани қонун дархост мекунад;
- ҳангоми зарурат ва дар доираи қонун ба ташкилотҳои қарзӣ амрнома дода, иҷрои онро талаб менамояд;
- санадҳои меъёрӣ (қоидаҳо, дастурамалҳо ва ғайра) қабул карда, иҷрои онҳоро талаб менамояд;
- бо мақсади нигаҳдории боварии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи таъмини кафолати пасандозҳои шахсони воқеӣ аҳли ҷомеаро хабардор менамояд;
- хароҷоти амалиётии Хазинаро ҷуброн мекунад;
- вазифаи хизматрасонии молиявиро анҷом медиҳад;
- дигар вазифаҳоро, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои Хазина заруранд, иҷро мекунад.

## 4. ДАСТОВАРДҲОИ АСОСИИ ХАЗИНА ДАР СОЛҲОИ 2011 – 2016

- Дар таҳрири нав қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»;
- таҳия санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби иштироки ташкилотҳои қарзиро дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ муайян менамоянд;
- тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон озод шудани Хазина аз пардохти андоз аз фоида;
- ҳамасола гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои нозирони Хазина;
- таъсиси сомонаи Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;
- гузаронидани таблиғоту ташвиқоти аҳолӣ оид ба ҳимояи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ;
- иштироки кормандони Хазина дар санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, доир ба масъалаҳои марбут ба андоза ва сохтори ӯҳдадориҳо аз рӯи пасандозҳо ва пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ;
- ҳамасола гузаронидани санҷиши фаъолияти Хазина аз ҷониби аудиторони берунӣ;
- қабул шудани Хазина ба сифати мушоҳид ба Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо;
- ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ бо Агентии ҳимояи пасандозҳои Ҷумҳурии Қирғизистон;
- зиёд шудани андозаи ҷубронпулии суғурта аз 7000 (ҳафт ҳазор) сомонӣ то 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- кам кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ барои ташкилотҳои қарзии узви Хазина аз 0,5 то 0,25 фоиз;
- бори нахуст пардохт намудани ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшудаи ҶДММ ТАҚХ “Ҳамдастӣ”;
- Ба ҳолати 1 январи соли 2017 низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 51 ташкилоти қарзиро дарбар мегирад, ки аз он 15 ададро бонкҳо ва 36 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ташкил медиҳанд;
- Дороиҳои Хазина дар интиҳои соли 2016 маблағи 259,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он ба 4,7 фоизи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ баробар аст.

## 5. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯИ ХАЗИНА

Дар фаъолияти худ, аз ҷумла дар татбиқи Стратегияи рушд, Хазина принсипҳои асосии стратегии зеринро риоя менамояд:

| | | |
|---|---|---|
| Омодагӣ бо ҳолатҳои суғуртавӣ ва такмили низоми идоракунии хавфҳо | | Омодагӣ барои иҷрои мақсад ва вазифаҳо оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ. Фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми дахлдор, дониш ва малакаи хуби кормандони Хазина барои пешгӯи, арзёбӣ ва идораи хавфҳо тибқи вазифаҳо гузошташуда, инчунин зарурияти мавҷудияти захираҳои молиявӣ ва моддӣ, низомҳои автоматишудаи санҷиши феҳристҳои омодашудаи ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда ва ҷараёни пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон. |
| Таблиғот ва ташвиқоти самараноки аҳли ҷомеъа | | Рушди ҳамаҷонибаи низоми ташвиқоти самараноки аҳли ҷомеъа оид ба фаҳмондадиҳии афзалиятҳои низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, тартиб ва шарти фаъолияти он ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар |
| Истифодаи самараноки дороиҳо ва баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ | | Сармоягузории дороиҳои Хазина ба воситаҳои молиявӣ. Зиёд кардани манбаъҳои сармоягузорӣ бо мақсади таъмини сатҳи зарурии даромаднокӣ, ки он барои зиёд намудани захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда равона карда мешавад, бо шарти таъмини дороиҳо ва пардохтпазирии онҳо ва бо мақсади татбиқи самараноки вазифаҳои Хазина. |
| Такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии Хазина бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ | | Пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, танзими тартиби муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва стандартҳои байналмилалӣ. |
| Баланд бардоштани ҳамкории самаранок бо шарикони асосӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ | | Ҳамкории самаранок бо шарикони Хазина - Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI). Ба имзо расонидани ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ бо ташкилотҳои пешқадами суғуртакунонии пасандозҳо – аъзои Кумитаи минтақавии Авруосиёи (АБСП). Муколамаи фаъол бо Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон. |

## 6. ВАЗЪИЯТ ДАР БОЗОРИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ВА ОМИЛҲОИ БА ФАЪОЛИЯТИ ХАЗИНА ТАЪСИРКУНАНДА**

Бахши бонкӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад, зеро он манбаъи асосии маблағгузорӣ барои дигар бахшҳои иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Имруз бахши бонкӣ мушкилии таъсири бӯҳрони молиявиро то ҳол дарк мекунад. Хавфи асосии бахши бонкӣ ин ҳанӯз дар сатҳи паст қарор доштани сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки он боиси саривақт иҷро нагардидани ӯҳдадории онҳо дар назди пасандозгузорону қарздеҳон мегардад. Пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун манбаъи асосии дохилии маблағгузорӣ ба ҳисоб рафта, устувории ташкилотҳои қарзиро ба таконҳои беруна нигоҳ медорад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2016 дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ маблағи 21 166,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбати соли гузашта 13,6 фоиз зиёд мебошад. Дар баробари ин, ӯҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2016 ба андозаи 3,4 фоиз кам гардида маблағи 15 669,6 млн. сомониро ташкил дод. Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар соли ҳисоботӣ 8 000,5 млн.сомониро ташкил карда, нисбати соли гузашта 16,4 фоиз кам шуд. Дар баробари ин, тамоюли умумии бад шудани сифати дороиҳо, аз ҷумла, сандуқи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ идома ёфт. Барои мисол, як сол пеш, вазни қиёсии қарзҳои таснифшуда дар таркиби сандуқи қарзӣ 37,8 фоизро ташкил медод, дар интиҳои соли 2016 бошад он 58,1 фоизро ташкил дод.

Пасандозҳо яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории ташкилотҳои қарзӣ мебошанд, зеро ба санаи 1 январи соли 2017 вазни қиёсии пасандозҳо дар ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ 59 фоизро ташкил медиҳад. Бақияи умумии пасандозҳо ба ҳолати 1 январи соли 2017 маблағи 9 243,2 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбати соли гузашта 7,3 фоиз зиёд мебошад. Дар сохтори пасандозҳо пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ 40 фоиз ва пасандозҳои шахсони воқеӣ бошад 60 фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, пасандозҳо бо пули миллӣ 37,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 62,4 фоизро ташкил медиҳад.

Пасандозҳои шахсони воқеӣ дар интиҳои соли 2016 маблағи 5 550,2 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбати соли гузашта 2,3 фоиз зиёд мебошад. Сохтори пасандозҳо шахсони воқеӣ аз пасандозҳои мӯҳлатнок 55,5 фоиз, амонатҳои пасандозӣ 38,4 фоиз ва пасандозҳои дархостӣ 1,3 фоиз иборат аст.

Бояд қайд кард, дар давоми соли гузашта суръати афзоиши пасандозҳо дар бахши бонкӣ коҳиш ёфт, ки он бо таъсири бӯҳрони молиявӣ ба ташкилотҳои қарзӣ вобаста буд. Дар ташкилотҳои қарзӣ идоракунии корпоративӣ, риояи сирри бонкӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба пасандоздорону қарздеҳон суст ба роҳ монда шудааст. Ҳамаи ин омилҳо ба коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ва ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ дар низоми бонкӣ меорад.

Ба санаи 31 декабри соли 2016 маблағи пасандозҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии узви Хазина суғурташуда 4 252,4 млн. сомонӣ ва шумораи пасандозгузорони суғурташуда 966,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Мутобиқи Принсипҳои асосии барои низомҳои самараноки суғуртакунии пасандозҳо (АБСП) маблағи ҷубронпулии суғурта бояд тавре муқаррар карда шавад, ки фарогирии пурраи шумораи ҳисобҳо бештар аз 90 фоиз ва маблағи умумии пасандозҳо на камтар аз 50 фоизро ташкил диҳад. Баъди муқаррар намудани ҳаҷми ҷубронпулии суғурта ба андозаи 350 (сесаду панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо, шумораи ҳисобҳои суғурташудаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 96,3 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳияи Стратегияи рушди Хазина омилҳои иқтисодие таҳлил шуданд, ки метавонанд барои ноил гардидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои дар давраи муқарраршуда таъсир расонанд. Дар байни онҳо чунин омилҳоро бояд қайд кард:

- ҳолати иқтисодиёт ва низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯътадил хоҳад буд ва тадриҷан беҳтар хоҳад гашт (оқибатҳои бӯҳрони молиявӣ ба бахши бонкӣ боз як ду соли охир таъсир хоҳад кард);
- дар маҷмӯъ низоми бонкӣ мушкилотҳои ҷойдоштаро ҳал менамояд, аммо кифоятии сармоя (бе саъю кӯшиши давлат ва мақомоти танзимкунанда) дар давоми як-ду соли охир дар сатҳи наздик ба ҳадди ақал қарор мегирад, ки он метавонад қарздиҳии фаъоли ташкилотҳои қарзиро ба мизоҷон мушкил гардонида ба сатҳи рушди воқеии иқтисодиёт таъсир расонад;
- вазъи бозори пасандозҳо зери таъсири омилҳои зерин қарор мегирад, ба монанди даромади воқеии аҳолӣ, сатҳи таваррум, фоизи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, сатҳи қарзҳои истеъмолӣ, қурби пули миллӣ ва сатҳи боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ;
- мутобиқи қонун андозаи ҷубронпулии пасандозҳо на бештар 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад, ки айни замон он мутаносибан

ба 17500 сомонӣ баробар аст. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017” аз 1-уми январи соли 2017 як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба 50 сомонӣ баробар аст. Баланд бардоштани маблағи ҷубронпулии суғурта, танҳо дар ҳолати зарурияти иҷтимоию иқтисодӣ ва вобаста аз имкониятҳои молиявии Хазина амалӣ карда мешавад;

- шумораи ташкилотҳои қарзӣ мунтазам кам карда мешавад, аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши талабот ба ҳадди ақали сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзӣ ва раванди якҷояшавии ташкилотҳои қарзӣ;
- барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ зиёд нахоҳад шуд.

## 7. САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ХАЗИНА БАРОИ СОЛҲОИ 2017 - 2022

Хазина дар оянда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ тариқи татбиқи принсипҳои асосии стратегии зерин нигоҳ дошта шавад:

- беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ;
- рушди муносибатҳои байналмилалӣ;
- таъмини устувории молиявии Хазина;
- такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандозгузорон;
- такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ;
- таблиғоту ташвиқоти моҳияти суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба аҳли ҷомеъ;
- такмили ихтисос ва дониши кормандони Хазина.

Татбиқи Стратегияи рушди Хазина барои солҳои 2017 - 2022 тавассути таҳия ва тасдиқи нақшаҳои солонаи корӣ амалӣ хоҳад шуд.

## 8. ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ХАЗИНА

## 8.1 Беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ

Шарикони асосии Хазина дар иҷрои мақсаду вазифаҳои он Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мебошанд. Ҳамкории Хазина бо Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» танзим карда мешавад. Муносибат байни Хазина ва Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин бо ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро хуб баҳо додан мумкин аст, вале он дорои потенсиали рушди минбаъда мебошад.

Таҳлили ҳамкории Хазина бо Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2016 нишон дод, ки зарурати ҳаллу фасли масъалаҳои зерин ба миён омадааст :

- зарурати беҳтар намудани ҳамкорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина оид ба мубодилаи иттилоот;
- баррасии зарурияти иштироки Хазина дар раванди таъин намудани мудирияти муваққатӣ ва ё барҳамдиҳандаи ташкилотҳои қарзӣ;
- такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки масъалаи танзими низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва манфиатҳои Хазинаро муайян менамоянд, бояд минбаъд барои ворид намудани тағйиру иловаҳо якҷоя муҳокима ва мувофиқа карда шаванд;
- инчунин, хулосаи Хазина оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо танзими бахши бонкӣ вобастаанд ба инобат гирифта шавад;
- ҳамкорӣ бо намояндагони Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии мушкилидошта.

Аз ин лиҳоз, давраи пешистода барои такмили ҳамкории тарафайн байни Хазина ва Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин беҳтар намудани мубодилаи иттилоот равона хоҳад шуд.

## 8.2 Рушди муносибатҳои байналмилалӣ

Хазина тасмим гирифтааст, ки дар мавриди расидани андозаи ниҳоии маблағи Хазина дар ҳаҷми ҳафт фоизи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст ба аъзогии Кумитаи минтақавии Авруосиёи (КМА) Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI) шомил гардад ва як семинари байналмилалиро дар мавзӯи низоми суғуртаи пасандозҳо гузаронад. Чорабинии мазкур ба таври назаррас эътибори Хазинаро дар Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо ва умуман Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд хоҳад бардошт.

Хазина нақша дорад, ки ҳамкориҳои дуҷонибаро бо ташкилотҳои хориҷии суғуртакунии пасандозҳо мустаҳкам намуда, дар вохӯриҳо ё чорабиниҳои гуногуне, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо гузаронида мешавад, ёддоштҳои тафоҳум оид ба ҳамкориро бо онҳо ба расмият дарорад.

Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо Оҷонсии ҳимояи пасандозҳои Ҷумҳурии Қирғизистон санаи 5 сентябри соли 2013 Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкориро ба имзо расонид. Мутобиқи Ёддошти тафоҳум тарафҳо бо ҳамдигар метавонанд мубодилаи иттилоот оид ба рушди низоми суғуртакунии пасандозҳо, таҷрибаҳои амалӣ дар соҳаи суғуртакунии пасандозҳо, барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин тадқиқотҳои якҷояро амалӣ намоянд.

Хазина нақша дорад, ки ингуна ёддоштҳои тафоҳумро оид ба ҳамкорӣ бо ташкилотҳои суғуртакунии дигар кишварҳои хориҷии дуру наздик, ки бо онҳо муносибатҳои корию дӯстона дорад ба имзо расонад, аз ҷумла, Оҷонси суғуртакунии пасандозҳои Федератсияи Русия, Фонди кафолати амонатҳои Қазоқистон, Фонди суғуртаи амонатҳои Озорбойҷон, Оҷонсии кафолати амонатҳои бонкии Ҷумҳурии Белорус, инчунин бо ташкилотҳои пешқадами суғуртакунии пасандозҳо ба мисли Корпоратсияи суғуртакунии Муғулистон, Корея, Малайзия ва Фонди суғуртакунии пасандозҳои Туркия.

Хазина дар доираи талаботҳои Кумитаи минтақавии Авруосиё (КМА) тасмим гирифтааст, ки дар солҳои 2017- 2018 худбаҳодиҳии фаъолияти Хазина дар асоси усулҳо ва принсипҳои асосии барои низомҳои самараноки суғуртакунии пасандозҳоро гузаронад.

### 8.3 Таъмини устувории молиявии Хазина

Фаъолияти амалиётӣ ва сармоягузории Хазина мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ва қарорҳои Шӯрои нозирони Хазина танзим карда мешавад. Манбаҳои асосии ташаккули маблағҳои Хазина инҳо мебошад:

- ҳаққи узвияти ташкилотҳои қарзии узви Хазина;
- пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина;
- даромад, аз ҳисоби сармоягузории Хазина ба қоғазҳои қиматноки давлатӣ ва қоғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон;

- ноустворонаи прдохткардаи ташкилотҳои қарзии узви Хазина барои саривақт ё пурра пардохт накардани пардохтҳои тақвимӣ.

Бояд қайд намуд, ки Хазина мутобиқи қонун метавонад танҳо ба қоғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон, қоғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз сармоягузорӣ кунад. Фоидаи бадастовардаи Хазина пурра барои зиёд намудани захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда равон карда мешавад.

Хазина ҳамасола нақшаи харҷномаро таҳия менамояд, ки он аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ карда мешавад. Хазина нақшаи худро дар асоси Стратегияи рушд, ки дар он мақсадҳои стратегӣ ва вазифаҳои асосии Хазина муайян шудааст таҳия менамояд ва он зарурияти маблағгузории муносибро талаб менамояд.

Фаъолияти сармоягузории Хазина барои нигоҳдорӣ ва афзун намудани дороиҳо тариқи таъмини даромаднокӣ аз сармоягузориҳо равона шудааст. Дар оянда, Хазина ба нақша гирифтааст, ки ба сиёсати сармоягузории худ тағйиру иловаҳо ворид намояд, то ин ки нигоҳдории дороиҳо бо шарти таъмини пардохтпазирӣ, бо дарназардошти хавфҳо ва даромаднокии онҳо таъмин карда шавад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои дахлдор барои бартараф намудани бӯҳрони молиявӣ дар низоми бонкӣ андешида шуда истодааст. Дар баробари ин, динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои баъзе ташкилотҳои қарзӣ ба мисли сифати дороиҳо, даромаднокӣ ва ғайра оид ба номукамал будани вазъи молиявӣ дар ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад, ки он метавонад боиси барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ гардад.

Хазина баҳри таъмини иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳои худ дар назди пасандозгузорон, ба сатҳи кофии захира барои пардохти ҷубронпулии суғурта ниёз дорад. Ба ташаккули захира аз ҳисоби

даромад аз сармоягузориҳо бояд диққати махсус зоҳир намуд. Айни замон сандуқи сармоягузории Хазина аз Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қоғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон иборат аст. Хазина бо мақсади ташаккули самараноки захира ва пешгӯии касри он бо дарназардошти нигоҳдории дороиҳо, имконияти сармоягузорӣ намудан онро ба дигар воситаҳои молиявӣ низ омӯхта истодааст.

Бо мақсади пардохти саривақтии ҷубронпулии суғурта ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ, мутобиқи моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» Хазина дар сурати каср барои гирифтани қарз ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат карда метавонад.

Бахри фаъолияти пурсамари низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва нигоҳ доштани эътимоди ҷомеъа ба он, Хазина бояд манбаъҳои иловагии маблағгузории захираро дошта бошад. Нокифоя будани захира дар ҳолати барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ метавонад ба афзоиши назарраси хароҷотҳои Хазина ва ба таъхири мӯҳлати пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандозгузорон гардад, ки он боиси коҳиш ёфтани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ мегардад.

## 8.4 Такмили раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандозгузорон

Бо мақсади иҷрои самараноки ӯҳдадориҳои худ оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандозгузорон дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун, Хазина дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда тартиби дуруст омода шудани феҳристи пасандозгузорони суғурташуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ муқаррар мекунад. Тадбири мазкур барои таъмини пурра ва дақиқ, инчунин баланд бардоштани сифати маълумот дар бораи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ равона карда шудааст.

Бо мақсади омодагии фаврӣ оид ба пардохти саривақтии ҷубронпулии суғурта, Хазина тасмим гирифтааст, ки тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба амал омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзиро таҳия намояд. Тартиби мазкур ба кормандони Хазина ҳамчун дастур ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзии увзи Хазина мешавад. Инчунин бо мақсади такмили савияи

дониши кормандон ва омодагии онҳо ба ҳолатҳои суғуртавӣ, Хазина тасмим гирифтааст, ки бо кормандони худ машғулиятҳои омӯзиши таҷрибавӣ гузаронад.

## 8.5 Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва танзимкунанда

Дар соли 2017 Хазина нақша дорад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» тағйиру иловаҳо дар қисмати муайян намудани вазифа ва ваколатҳои Хазина дар раванди барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин амалӣ намудани назорати иҷрои ӯҳдадории ташкилотҳои қарзиро дар назди Хазина аз рӯи пардохтҳо ворид намояд.

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои пасандозгузорон, баланд бардоштани самаранокии раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ва иҷрои босифати мақсаду вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, Хазина тасмим гирифтааст, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба фаъолияти Хазина тағйиру иловаҳои зеринро ворид намояд:

- зиёд намудани ваколатҳои Хазина барои дастрасӣ ба маълумоти пасандоздорон, ки дорои сирри бонкӣ мебошад;
- такмили ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;
- танзими пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ.

Ғайр аз ин, Хазина тасмим гирифтааст, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" моддаи нав оид ба ҳамкории мудирияти муваққатӣ ва комиссияи барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ бо Хазина, инчунин ҷавобгарии мудири махсуси ташкилоти қарзии барҳамдодашуда барои саривақт ва дуруст пешниҳод намудани феҳристи пасандоздорони суғурташударо ворид намояд.

## 8.6 Таблиғоту ташвиқоти аҳолӣ оид ба масъалаи суғуртакунии пасандозҳои шахсони воқеӣ

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Хазина, ин таблиғоту ташвиқоти моҳияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба аҳли ҷомеъа мебошад. Боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ омили асосии устувории низоми молиявии кишвар мебошад. Чорабиниҳои дар ин самт амалинамудаи Хазина, бештар характери иттилоотӣ дошта ба пасандозгузорони ташкилотҳои қарзӣ нигаронида шудааст. Хазина маводҳои таблиғотӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро омода намуда, онро дар воситаҳои ахбори умум ва тавассути радио ва телевизион пахш намудааст. Ғайр аз ин, ахбору маълумотҳо оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мунтазам дар сомонаи Хазина ҷойгир карда мешаванд.

Солҳои гузашта фаъолияти таблиғотию ташвиқотии Хазина асосан барои огоҳ ёфтани аҳолӣ оид ба фаъолияти Хазина равона шуда буд. Дар давоми панҷ соли оянда, Хазина нақша дорад, ки сатҳи маълумотнокии аҳолиро оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ баланд бардорад. Дар оянда маълумот дар бораи фаъолияти Хазина тавассути нашрияҳои миллӣ, шабакаи интернет, радио ва телевизион пахш хоҳад шуд, инчунин барои пасандозгузорон хати телефони доимоамалкунанда ҷудо хоҳад шуд.

Мутобиқи принсипҳои асосӣ барои низомҳои самараноки суғуртакунии пасандозҳо ва бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти таблиғотию ташвиқотӣ, барои панҷ соли оянда Хазина нақшаҳои зерин дорад:

- фаъолияти таблиғотию ташвиқотии Хазинаро дар воситаҳои ахбори умум зиёдтар намояд;
- вобаста ба гурӯҳҳои алоҳидаи шунавандагон ва мақсадҳои онҳо маълумоти таблиғотиро оид ба фаъолияти Хазина омода намояд;
- раванди ҳамоҳангсозии фаъолияти якҷояро бо дигар иштирокчиёни низоми бонкӣ барои ташкили вохӯриҳо бо аҳли ҷомеъа оид ба фаҳмонидани моҳияту аҳамияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ пурзӯр намояд.

Сомонаи Хазина дар шабакаи интернет яке аз манбаҳои асосии таблиғотии Хазина ба ҳисоб рафта ҳамчун оина фаъолияти онро инъикос менамояд. Бояд қайд намуд, ки сомонаи Хазина дар соли 2016 тадриҷан тағйир дода шуд. Хазина нақша дорад, ки бо намояндагони воситаҳои ахбори умум муносибатҳои наздик дошта, бо онҳо мусоҳибаҳо ва вохӯриҳо, инчунин пресс-конферонсияҳо ташкил намояд.

Дар маҷмӯъ, Хазина омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалиро бо мақсади такмили фаъолияти таблиғотию ташвиқотии худ идома хоҳад дод.

## 8.7 Такмили тахассусии кормандони Хазина

Яке аз мақсадҳои афзалиятнок дар идоракунии кормандони Хазина ин таъмини мутаносиби кормандон тибқи принсипҳои самаранокии истифодабарии кормандон, бо мақсади такмили хароҷотҳои амалиётии Хазина мебошад.

Айни замон, дар Хазинаи 7 нафар мутахассис кор мекунад, ки ҳамаи онҳо дорои таҷрибаи ғанӣ дар низоми бонкӣ мебошанд. Хазина дар оянда ният дорад, ки шумораи кормандони худро мутобиқи вазифа ва ваколатҳои ба зиммааш гузошташуда зиёд намояд.

Омили дохилие, ки ба кори Хазина таъсири манфӣ мерасонад, ин мунтазам аз кор рафтани кормандон мебошад, ки сабаби дар мӯҳлатҳои муқараршуда иҷро нашудани вазифаҳои гузошташуда мешавад. Аз соли 2011 то соли 2016 аз кор рафтани кормандони Хазина 14,3 фоизро ташкил дод. Сабаби асоси аз кор рафтани кормандон ин номутаносибии музди маош ва ихтисоси корманд, инчунин ҳаҷм ва мураккабии кор мебошад. Музди маоши кормандони Хазина бояд ба сатҳи музди маоши кормандони низоми бонкӣ ба хусус Бонки миллии Тоҷикистон мутаносиб бошад.

Хазина омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони худро дар семинарҳо дар дохил ва хориҷӣ кишвар дастгирӣ менамояд. Ҳамасола аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо конфронсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ дар доираи васеи масъалаҳо оид ба суғуртаи пасандозҳо гузаронида мешавад, ки дар он кормандони Хазина иштирок менамоянд.  Инчунин дар давоми солҳои 2014 – 2016 аз ҷониби Кумитаи минтақавии Авруосиё (КМА) якчанд онлайн семинарҳо тавассути шабакаи интернет гузаронида шуд, ки дар онҳо кормандони Хазина фаъолона иштирок намуданд.

Дар давраи минбаъда сиёсати нигоҳдории кормандони асосӣ аз рӯи ҳар як самти кори Хазина ва фаъолият дар самти баланд бардоштани ихтисоси кормандон (бахусус кормандони ҷавон) идома хоҳад ёфт.

Барои рушди ҳамаҷонибаи кормандони Хазина ва малакаи дониши онҳо оид ба низоми молиявӣ, зарурияти гузаронидани вохӯриҳо ва семинарҳои муштарак бо кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ ҷой дорад.

## Хулоса

Лоиҳаи таҳияшудаи Стратегияи рушди Хазина мақсади ташкили раванди ягонаи рушди низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро барои солҳои оянда дорад. Табиист, ки на ҳамаи равандҳои иқтисодиро ба таври дақиқ пешгӯи кардан мумкин аст, бахусус дар ҳолати имруза, ки иқтисодиёт ва бахши бонкии кишвар зери таъсири бӯҳрони молиявӣ ҷой дорад.

Стратегия – ин санади такмилшаванда буда, ҳангоми баррасӣ ва муайян намудани нишондиҳандаҳои пешбинишаванда такмил дода мешавад. Барои Хазина хеле муҳим аст, ки ҳамаи тарафҳои манфиатдор назари худро оид ба роҳҳои рушди низоми миллии суғуртакунии пасандозҳои шахсони воқеӣ барои соли 2017 – 2022 изҳор намоянд.